«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон номзади илмҳои физика-математика, дотсент
_______________ Наҷмиддиниён А.М.
19 сентябри соли 2024

**ХУЛОСАИ**

шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи Аминов Муслиҳиддин Фозилдинович дар мавзуи “Имкониятҳои дидактикии ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст.

Аминов Муслиҳиддин Фозилдинович 13-уми соли 1981 дар деҳаи Панҷруди ноҳияи Панҷакент ба дунё омадааст. Соли 1987 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №27-и деҳа гузошта соли 1998 муассисаи номбурдаро хатм карда, худи ҳамон сол ДДЗТ ба факултети филологияи забонҳои хориҷӣ супорида, соли 2003 хатм намудааст. Соли 2015 ихтисоси дуюм, яъне факултети фаъолияти бонкии Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизматро хатм карда, дар шуъбаи тайёрнамоии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон бо фармоиши №26 аз 21 октябри соли 2020 то 2023 аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба сифати унвонҷӯ фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ бурдааст. Мавсуф айни замон ба ҳайси директори Литсейи №4-и шаҳри Душанбе фаъолият менамояд.

Диссертатсияи Аминов Муслиҳиддин Фозилдинович дар шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

иҷро шудааст. Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои педагогӣ, профессор, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Каримова Ирина Холовна мебошад.

Ҷаласаи шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон баромади довталаби дараҷаи илмӣ Аминов Муслиҳиддин Фозилдинович дар мавзуи "Имкониятҳои дидактикии ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ", хулосаи роҳбари илмии унвонҷӯй, доктори илмҳои педагогӣ, профессор, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Каримова Ирина Холовна ва музокираву муҳокимаҳои илмии иштрокчиёни ҷаласаро шунида, ба чунин хулоса расид:

1. Ихтисос, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Аминов Муслиҳиддин Фозилдинович ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз ҷумла, ба *банди 4* – «Назария ва консепсияҳои таълим» (консепсияҳои рушди таъминоти таълимӣ-тарбиявии раванди таълим ва воситаҳои таълим), *банди 6* – «Консепсияҳои таълим» (технологияи ташаккул ва рушди муҳити таълим; таҳсилоти муттасил; таҳсилоти калонсолон, равандҳои инноватсионӣ дар таълим), *банди 7* – «Педагогикаи амалӣ» (тағйироти низомӣ дар фаъолияти касбию педагогии омӯзгор, аз ҷумла моҳият, сохтор ва вазифахои он;) мувофиқат мекунад.

2. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Аминов Муслиҳиддин Фозилдинович дар мавзуи "Имкониятҳои дидактикии ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ" ба самти афзалиятноки илми педагогикаи миллӣ – ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ робитаи бевосита дошта, ба амалисозии талаботи Барномаи давлатии рушди низоми такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023, Консепсияи миллии маълумот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин Стратегияи

миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то солҳои 2030 дар ташаккули низоми такмили ихтисоси омӯзгорон бо дарназардошти талабот ва вазифаҳои муассисаи мушаххаси таълимӣ, инчунин салоҳиятҳои касбии омӯзгорон нигаронида шудааст.

Аз ҳамин мавқеъ, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Аминов Муслиҳиддин Фозилдинович, ки дар ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миенаи умумӣ, фарҳанги педагогӣ ва салоҳияти касбӣ саҳми босазо гузошта метавонад, муҳим ва мубрам арзёбӣ мешавад.

3. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, 8 мақолаи илмӣ, ки 6 номгӯй аз онҳо дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд, инъикоси худро ёфтаанд.

Теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ, аз он ҷумла, мақолаҳои илмиии зерини довталаб, ки дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиясинамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нашрияҳои дигар ба табъ расидаанд, ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқат доранд:

Мақолаҳои дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашргардида:

[1-М] Аминов М. Моҳияти ташаккулёбии касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёна тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ [Матн] / М. Аминов // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. – Душанбе, 2020, №4 (32). - С. 60-64. ISNN 2617-5620.

[2-М] Аминов М. Шароитҳои педагогии ташаккули маҳорати касбии омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ [Матн] / М. Аминов // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. – Душанбе, 2021, №4 (36). - С. 38-43. ISNN 2617-5620.

[3-М] Каримова И.Х., Аминов М.Ф. Роҳҳои баланд бардоштани такмили ихтисоси дохилимактабии омӯзгорон [Матн] / И.Х. Каримова., М. Аминов // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – Душанбе, 2022,

№4 (45). - С. 38-43. УДК 378.046.

[4-М] Аминов М.Ф. Раванди таълими инфиродии омӯзгорони муассисаи тащсилоти миёнаи умумӣ ҳамчун шарти педагогии ташаккули ҳаракати касбии омузгорон. –Душанбе, Навоварӣ дар маориф, 2022. – С. 83-87.

4. Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодкардаи довталаб дар раванди таълими хонандагони болаёқати муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№ 15, 31, 55, 100 ва Литсейи №4-и шаҳри Душанбе тавассути баргузории корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ тасвибу тасдиқ шудаанд. Санадҳои татбиқи натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва литсейи дар боло зикршуда мавҷуд буда, рушди ҳаракати касбӣ ва хулоса баланд бардоштани малакаю махорати касбии омузорон бо риояи низоми мукаммали ҳавасмандгардонӣ собит карда шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар ҷаласаҳои шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон баррасӣ шуда, дар конфронсҳои ҳамасолаи илмӣ-методӣ ва ҷумҳуриявӣ оид ба масъалаҳои ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ ироа ва тасвиб шудаaанд.

5. Саҳми шахсии унвонҷӯ дар он зуҳур меёбад, ки мазкур масъалаи таҳқиқоти диссертасиониро ҳаматарафа таҳлилу баррасӣ карда, таҳқиқотҳои назариявӣ ва озмоиширо дар омезиши дуруст ба роҳ мондааст, маҷмӯи роҳу усулҳоро вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мавриди истифода қарор додааст, дар заминаи таҳқиқоти озмоишӣ муқаррароти кори илмиро аз ҷиҳати амалӣ аз тариқи баргузории корҳои озмоишӣ тасвибу тасдиқ кардааст, натиҷаҳои озмоиш ва коркардҳои бадастомадаро таҳлилу арзёбӣ кардааст, оид ба мазуи диссертатсия ва натиҷаҳои таҳқиқот мақолаҳои илмӣ таҳия ва нашр карда, дар чорабиниҳои илмӣ иштирок ва маърӯзаҳо кардааст, натиҷаҳои бадастомадаро ҷаъмбаст карда, дар заминаи онҳо пешниҳоду тавсияҳои методӣ коркард ва манзур кардааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Аминов Муслиҳиддин дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ муҳим ва аҳамияти мубрам дошта, довталаб дар раванди амалисозии мақсад ва вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда дар воқеъ ба навгониҳои илмии зерин ноил шудааст:

Дар асоси таҳлили сарчашмаҳои психологию педагогӣ мазмуни мафҳуми «ҳаракатии касбии омӯзгорон» аниқ ва сохтори он муайян карда шуда, хусусиятҳои фарқкунандаи ҳаракати касбии омӯзгорон ошкор карда, шароити педагогие, ки барои бомуваффақият ташаккул додани ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ заруранд, асоснок карда; амсилаи ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ таҳия карда шуда, самаранокии дар амал татбиқ намудани он ба таври озмоишӣ санҷида; технологияҳои инноватсионии ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ таҳия карда; имкониятҳои дидактикии такмили ихтисоси дохилимактабӣ оид ба ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян карда; самаранокии амсилаи ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ ба таври озмоишӣ санҷида, илман асоснок ва самаранокии онро тасвибу собит кардааст.

Аҳамияти назарии таҳқиқоти мазкур дар он аст, ки технологияи ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ таҳия ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардааст. Меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои сатҳҳои ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ коркард ва дастгоҳи категориалии раванди ташаккули харакати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо роҳи такмили ихтисоси дохилимактабӣ равшангардида, инчунин қисмҳои асосии он муайян кардааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаи илмӣ ва хулосаҳои назарию амалӣ, ки аз омӯзиш ва таҳлилу баррасии муфассали мавзуъ бармеоянд, метавонанд барои таълифи рисолаҳои илмӣ, китобҳои дарсии педагогӣ ва равоншиносӣ, таълифоти дигари илмӣ ва илмию оммавӣ муфид бошанд. Илова бар ин, метавон муҳтавои таҳқиқоти мазкурро ҳамчун курси махсус, барои такмили ихтисоси дохилимактабии омӯзгорони муассисаҳои таълимии миёнаи умумӣ тадрис намуд. Муҳаққиқон ва унвонҷӯёни риштаҳои педагогика ва психология метавонанд ҳангоми таълифи мақола ва рисолаҳои илмӣ аз хулосаҳою натиҷагириҳои дар рисолаи мазкур овардашуда истифода намоянд.

Ҷаласаи шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон баромади довталаби дараҷаи илмӣ Аминов Муслиҳиддин Фозилдинович, хулосаи роҳбари илмии унвонҷӯй, доктори илмҳои педагогӣ, профессор, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Каримова Ирина Холовна ва музокираву муҳокимаҳои илмии иштрокчиёни ҷаласаро шунида,

ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи унвонҷӯи Пажуҳишгоҳи рушди маориф Аминов Муслиҳиддин Фозилдинович дар мавзуи "Имкониятҳои дидактикии ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст, кори мустақилона баанҷомрасидаи илмӣ буда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ ҷавобгӯ дониста шавад.

2. Диссертатсияи Аминов Муслиҳиддин Фозилдинович дар мавзуи "Имкониятҳои дидактикии ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ" барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Қарор дар ҷаласаи шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 19 сентябри соли 2024, протоколи №09 қабул гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 10 нафар, аз он ҷумла 2 нафар намояндагон аз Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ки шурои диссертатсионӣ дар назди он амал мекунад. Натиҷаи овоздиҳии кушод: «тарафдор» – 10 нафар; «зид» – нест; «бетараф» – нест.

Раиси ҷаласа, мудири шуъбаи педагогика,
психология ва методикаи таълими
ПРМ ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ,
д.и.п., профессор Л.М.Иматзода

Котиби ҷаласа Ю.Ҳасанзода

Маълумот барои тамос: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. А. Адхамов 11/2. Тел.: (+992-32) 227 45 25, 227 46 00. E-mail: prmatt@maorif.tj.

*Имзои Л.М.Иматзода ва Ю. Ҳасанзодаро тасдиқ менамоям.*

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
ПРМ ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Х. Ҳакимова